# САФОРАТИ ҶОПОН ТОҶИКИСТОН

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

# EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN

80/A, Kh. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp


## АНҶОМЁБИИ ЛОИҲАИ ТАКМИЛИ ТАҶҲИЗОТИ ТИББИ МАРКАЗИ САЛОМАТИИ ШАҲРИИ № 15. ДАР ДОИРАИ КӮМАКҲОИ БЕБОЗГАШТИ ҶОПОН

**Душанбе, ТОҶИКИСТОН**

2 феврали соли 2025 мушовири махсуси Сарвазир (оиди масъалаҳои амнияти миллӣ ва манъи густариши аслиҳа ҳастаӣ), узви маҷлиси намояндагон ва намояндаи махсуси Сарвазири Ҷопон, **ҷ-би Акихиса НАГАШИМА,** дар якҷоягӣ бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **хонум Кейко ФУРУТА**, муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон **ҷ-би Абдухолик АМИРЗОДА**, ва Директори Маркази саломатии шаҳрии № 15 **ҷ-би Тохир ГАЙРАТЗОДА** дар маросими ба анҷом расидани «Лоиҳаи такмили таҷҳизоти тиббии Маркази саломатии шаҳрии № 15» иштирок карданд. Дар маросим кормандони тибби Маркази зикршуда низ ширкат доштанд.

Лоиҳа дар доираи Барномаи Ҳукумати Ҷопон - кӯмакҳои бебозгашт ва амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ (GPP) бо маблағи **100,120 доллари ИМА** амалӣ шуд. Қаблан, Маркази саломатии шаҳрии № 15 бо камбуди дар таҷҳизоти тиббӣ мувоҷеҳ буд ва кормандони тиббӣ барои ташхис ва табобати бемориҳо ва таъмин намудани кӯмакҳои кофии тиббӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ шуданд. Дар доираи ин лоиҳаи, таҷҳизоти муосир барои ташхис ва табобат бо муваффақият таъмин карда шуд.

Татбиқи лоиҳаи мазкур ба Маркази саломатии шаҳрии № 15 имкон дод, ки пешниҳоди хизматрасониҳои тиббии баландсифатро бидуни ниёз ба фиристодани беморон ба беморхонаҳои дигар ба роҳ монад ва ба нигоҳдории саломатии сокинони пойтахт мусоидат намояд.

Дар вақти маросим, **ҷ-би Акихиса НАШАСИМА**, кормандони марказро бо анҷоми бомуваффақияти лоиҳа табрик намуда, қайд кард, ки Ҷопон ҳамчун дӯсти хуби Тоҷикистон дар тӯли зиёда аз 30 сол аз замони ба истиқлолият ноил шудани он дар соҳаҳои гуногун ба мардумони Тоҷикистон кӯмак мерасонад ва соҳаи тандурустӣ яке аз муҳимтарин соҳаҳои ҳамкории дуҷониба байни Тоҷикистон ва Ҷопон мебошад.

Директори Маркази ва кормандони он ба Ҳукумат ва мардуми Ҷопон барои кӯмакҳои расонидашуда изҳори миннатдорӣ карданд.

Ҳукумати Ҷопон ният дорад дастгирии рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистонро идома диҳад.

*Кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ “GGP” тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд мебошад. Кӯмакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ расонида мешавад. Аз соли 1996 то инҷониб, кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ* ***462*** *лоиҳаро ба маблағи умумии* ***$38.3*** *миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ намудааст, аз ҷумла 110 лоиҳа дар соҳаи тандурустӣ.*

*Барои маълумоти бештар роҷеъ ба Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд ба саҳифаи сомонаи зайл назар андозед [https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html](https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html)*





